# ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

ДОНИШКАДАИ ҶУМҲУРИЯВИИ
ТАКМИЛИ ИХТИСОС ВА БОЗОМӮЗИИ
КОРМАНДОНИ СОҲАИ МАОРИФ

## БАРНОМАИ
## ТАЪЛИМӢ ОИД БА КУРСИ ТАКМИЛИ ИХТИСОСИ МУШОВИРОНИ МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ ИЛОВАГӢ

Душанбе - 2023

Бо қарори мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон  аз 30.11.2023, №11\17 тасдиқ шудааст.

**Мураттибон**:
**Шердилова Сурайё** – н.и. филологӣ, омӯзгори калони кафедраи иқтисод ва идора дар соҳаи маорифи МДДҶТИБКСМ.

**Ҳасанов Саидашраф-** омӯзгори калони кафедраи иқтисод ва идора дар соҳаи маорифи МДДҶТИБКСМ.

**Муқарриз:**
**Давлатшоев И. -** ходими калони илмии шуъбаи педагогика ва психологияи Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон
**Ҳакимова Б.Р. -** Ходими калони Раёсати ташхис ва тақризи адабиётҳои таълимии Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи А. Ҷомии АТТ

**Муҳаррир:**
**Исфандиёр Раҳматшоев** – мудири кафедраи иқтисод ва идора дар соҳаи маорифи МДДҶТИБКСМ.

Барномаи мазкур бо дарназардошти талаботи муосир ва муносибати босалоҳият ба таълим таҳия шуда, бо мақсади баланд бардоштани маҳорати касбии мушовирони муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ ва бо мақсади ҳар чи бештар ошноӣ пайдо кардани онҳо бо ҳадафу моҳияти тағйироти сохторӣ ва ислоҳоти дар соҳаи маорифи кишвар ба вуқуъ пайваста, тавсия карда мешавад. Татбиқи барнома тавассути воситаҳои нави таълим (слайдҳо, филмҳои таълимӣ ва ғ.) ҷараён мегирад.

Барнома барои шунавандагони курсҳои такмили ихтисоси мушовирони муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ пешбинӣ шудааст.

## Пешгуфтор

Барномаи таълимии мазкур барои курсҳои такмили мушовирони муассисаҳои таҳсилоти иловагии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳаҷми 54 соат таҳия шудааст.

Мақсади асосии барнома баланд бардоштани маҳорати касбии мушовирони муассисаҳои таҳсилоти иловагии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо роҳи шинос намудани онҳо бо дастовардҳои нави илм, роҳу усулҳои нави таълим, методикаи умумӣ бо истифодаи усулҳои нави инноватсионии таълим мебошад.

Шунавандагони курс дар ҷараёни таълим аз сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи маориф, аснодҳои меъёрию ҳуқуқии фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ, оид ба дастовардҳои нави илми педагогика ва психология, ҳифзи табиат, пешгирии касалиҳои сирояткунанда, тарзи ҳаёти солим, тарбияи толерантӣ низ маълумот пайдо мекунанд. Бо сабаби васеъ истифода шудани воситаҳои нави иттилоотӣ шунавандагон дар ҷараёни курс маҳорати оддии истифодаи ин воситаҳоро низ пайдо мекунанд. Дар барнома оид ба коргузорӣ ва ҳуҷҷатнигорӣ дар муассисаҳои таълимӣ низ аҳамият дода шудааст, ки он ба мушовир оид ба тарзи тайёр намудани хуҷҷатҳои мактабӣ кӯмак менамояд.

Барномаи мазкур тарзе таҳия шудааст, ки он асосан ба методҳои интерактивӣ такя намуда, усулҳои таълимии гуногунро пешниҳод менамояд. Донистани усулҳои гуногуни тарзи таълим ва муқоисаи онҳо ба мушовир имконият медиҳад, ки дар таълими ин ё он мавзуъ метавонад ин ё он усулро интихоб намуда, дониши хонандаро мукаммал намояд.

Инчунин дар барнома нақша ҷой дода шудааст, ки раванди таълимро дар курс муайян карда, фаълияти таълимии онро мувофиқи мақсад ба роҳ мемонад.

Нақша-барнома аз чор қисм иборат аст:

1. **Мақсади таълим -** мақсадҳои мушаххаси таълимиеро, ки барои ҳосил шудани салоҳияти муайян равона шудаанд, дар бар мегирад;

2. **Мавзуъ ва мундариҷаи таълим** – дар ин фасл мавзуъҳо ва мундариҷае, ки тавассути аз худ кардани онҳо мушовир ба мақсади таълим ноил гашта, ба ин восита салоҳияти муайянро ҳосил мекунад, ҷой дода шудаанд;

3. **Фаъолияти таълим -** аз фаъолиятҳои таълимии тавсияшаванда, ки тавассути он мавзуъ ва мундариҷа азхуд карда шуда, таҳлилу баррасӣ меёбанд иборат аст. Фаъолиятҳо вобаста ба шароит ва мавод тағйир дода мешаванд.

4. **Вақт -** вақти эҳтимолие, ки барои ноил гаштан ба мақсад мусоидат мекунад, пешниҳод гардидааст.

**Талаботи барнома**

Шунавандагони курси такмили ихтисоси мушовирони муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ бояд дониш, малака, маҳорат ва салоҳиятҳои зеринро соҳиб гарданд:

- сиёсати давлатро дар соҳаи маориф шарҳ дода фаъолияти таълимро дар асоси он ба роҳ монанд;
- навгониҳои соҳаи педагогика ва психологияро донанд ва амалан татбиқ намоянд;
- мақсад ва мазмуни стандарти давлатии таълими фанҳоро шарҳ дода, дар асоси он барномаҳои таълимӣ, нақшаҳои тақвимӣ ва дарсиро таҳия, ташхис ва таҳлил карда тавонанд;
- усулҳои таълим ва омӯзиши интерактивиро донанд, муносибату воситаҳои онро дар амал татбиқ кунанд;
- асосноккунии мафҳум ва ҳодисаҳоро дар таълими фанҳо мутобиқи талаботи стандарт ва барномаи таълим ба роҳ монда тавонанд;
- мавзуъҳои ҳар як фанро бо масъалаҳои ҳаётӣ алоқаманд карда тавонанд ва ба хонандагон дар ин хусус маслиҳат дода тавонанд;
- муносибати босалоҳият ба таълим ва роҳу усулҳои татбиқи онро донанд;
- Арзёбии раванди таълимро донанд.

**Талабот ба сатҳи тайёр намудани шунавандагон**

Пас аз хатми курс шунаванда бояд:

•моҳияти сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф;

•талаботи Стандарти давлатии таълим ба салоҳияти касбии мушовир;

•асосҳои назариявӣ ва амалии психологияи педагогӣ;

•истифодаи технологияи инноватсионӣ дар омӯзиши фанҳо;

•моҳият, хусусият ва усулҳои тадқиқоти илмиро донанд.

**Салоҳият:**

•таҳлил карда тавонистани фаъолияти касбии худ бо мақсади такмил ва баланд бардоштани малакаи касбӣ;

•мониторинги сифати дониши хонандагонро гузаронида тавонад;

•фаъолияти мустақилии мушовирон ва хонандагонро ҳангоми кор бо технологияи информатсионӣ-комуникатсионӣ ва инноватсионӣ ба роҳ монда тавонад;

•барномаҳои таълимии иловагиро оид ба фанҳои таълимӣ ва банақшагирии дарсҳоро дар асоси технологияҳои инноватсионӣ тартиб ва арзёбӣ карда тавонад;

•мустақилона саволномаҳоро оид ба аттестатсияи ҷамбастӣ (ретинг, санҷиш, имтиҳон), олимпиада ва викторина аз фанҳои таълимӣ тартиб ва омода намояд;

•аттестатсияи омӯзгоронро тибқи муқаррарот ташкил ва баргузор карда тавонад;

•маводи таълимӣ-методӣ ва дидактикӣ оид ба таълими фанҳоро бо истифода аз ТИК таҳия карда тавонад;

•дар асосии донишҳои назариявӣ тадқиқот гузаринида тавонад.

**Малакаҳои зеринро дошта бошанд:**

•технологияи муосири педагогии таълими фанҳо;

•истифодаи технологияҳои иттилоотиву коммуникатсионӣ барои ҳали барномаҳои касбӣ;

•методологияи тарҳи истифодаи ТИК.

Аз шунавандагони курс эҳтиромона хоҳиш карда мешавад, ки дар ҳолати зарурӣ фикру ақидаашонро нисбат ба барномаи мазкур ба Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф ирсол намоянд.

## НАҚШАИ
## таълимии курси такмили ихтисоси
## мушовирони муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ

| № | Қисматҳои барнома | Миқдори соат | | |
|---|---|---|---|---|
| | | Ҳамагӣ | Назариявӣ | Амалӣ |
| 1. | Менеҷменти сиёсӣ | 2 | 2 | - |
| 2. | Тахассус, такмили маҳорати касбӣ | **54** | **22** | **32** |
| 3. | Педагогикаи касбӣ | 4 | 1 | 3 |
| 4. | Психологияи касбӣ | 4 | 1 | 3 |
| 5. | Экология, ҳифзи муҳити зист ва истифодаи оқилонаи сарватҳои табиӣ | 2 | 2 | - |
| 6. | Технологияи иттилоотӣ | 4 | 1 | 3 |
| 7. | Коргузорӣ ва ҳуҷҷатнигории соҳа | 2 | 1 | 1 |
| | **Ҳамагӣ** | **72** | **30** | **42** |

**Нақшаи**
**тақвимии курси такмили ихтисоси**
**мушовирони муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ**

| № | Қисматҳои барнома | Миқдори соатҳо | | |
|---|---|---|---|---|
| | | Ҳамагӣ | Назариявӣ | Амалӣ |
| 1. | **Такмили дониш, малака ва маҳорати касбӣ** | **54** | **22** | **32** |
| 1.1. | Аснодҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи маориф | 2 | 1 | 1 |
| 1.2. | Нақшаи солонаи муассисаи таҳсилоти иловагӣ ва принсипҳои мураттабсозии он | 4 | 1 | 3 |
| 1.3. | Оинномаи муассисаи таълимӣ | 2 | 1 | 1 |
| 1.4. | Вазифаҳои хизматии мушовири МТИ | 4 | 2 | 2 |
| 1.5. | Кори амалӣ дар муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ | 6 | 1 | 5 |
| 1.6. | Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар тарбияи фарзанд» | 4 | 2 | 2 |
| 1.7. | Тафсири Қонуни Ҷумҳурии істон «Дар бораи маориф» | 4 | 2 | 2 |
| 1.8. | Муносибати босалоҳият ба таълим, ҷанбаҳои асосии татбиқи он | 4 | 1 | 3 |
| 1.9. | Консепсияи гузариш ба низоми нави таҳсилоти миёнаи умумӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон | 2 | 1 | 1 |
| 1.10. | Ташкили корҳои методӣ дар муассисаи таҳсилоти иловагӣ (МТИ) | 4 | 1 | 3 |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| 1.11 | Арзишҳо ва функсияҳои асосии таҳсилоти иловагӣ | 2 | 1 | 1 |
| 1.12. | Ташкили машғулият дар муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ | 4 | 1 | 3 |
| 1.13. | Усулҳои фаъол ва технологияҳои нави таълим. Роҳҳои истифодаи онҳо дар раванди дарсҳо | 4 | 2 | 2 |
| 1.14. | Истифодаи технологияи иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ дар раванди фаъолияти касбӣ | 2 | 1 | 1 |
| 1.15. | Муқовимат бо коррупсия ва амалҳои коррупсионӣ. Савдои одамон | 4 | 2 | 2 |
| 1.16. | Роҳҳои пешгирии ҷинояткорӣ, қонуншиканӣ, хурофотпарастӣ ва терроризму экстремизм | 4 | 2 | 2 |
| 2. | **Менеҷменти молиявӣ** | **6** | **2** | **4** |
| 2.1. | Қисми иктисодию молиявии Қонуни нави ҶТ «Дар бораи маориф». Баҳисобгирии муҳосибии воситаҳои асосӣ | 6 | 2 | 4 |
| | **Ҳамагӣ** | **54** | **22** | **32** |
| | **3. Мавзуъҳои иловагӣ** | | | |
| 3.1. | Воситаҳои арзёбии муносибати босалоҳият ба таълим. Навъҳои арзёбӣ дар раванди таълим | 4 | 2 | 2 |
| 3.2. | Фаъолияти беруназмактабӣ, беруназсинфӣ, беруназдарсӣ | 4 | 1 | 3 |
| 3.3. | Роҳбаладӣ. Маълумоти умумӣ дар бораи роҳбаладӣ | 4 | 2 | 2 |
| 3.4. | Таҷрибаи пешқадами омӯзгорӣ. Роҳҳои дарёфт, омӯзиш, тарғиб, ҷамъбаст ва паҳн намудани он | 4 | 1 | 3 |
| | **Ҳамагӣ** | **16** | **6** | **10** |

## 1. Такмили малака ва маҳорати касбӣ (54 соат)

**Мавзуи 1.1. (2 соат) Аснодҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи маориф**

Аснодҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи маориф. Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», «Дар бораи таҳсилоти иловагӣ». Дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Мавзуи 1.2. (4 соат). Нақшаи солонаи муассисаи таҳсилоти иловагӣ ва принсипҳои мураттабсозии он**

**Нақша**–тартиботи пешакии муайяншуда.

**Банақшагирӣ** –таҳияи нақшаҳои инкишоф ва иҷрои тадбирҳои ба ҳам алоқаманд. Банақшагирӣ – таҳияи нақша, ташкил ва назорати иҷрои он. Тартиб додани нақшаи дурнамо ва солонаи муассисаи таҳсилоти иловагӣ. Таҳияи нақшаи солонаи муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ. Кор бо кадрҳои педагогӣ. Ҳолати тадриси хонандагон. Корҳои тарбиявӣ дар муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ. Давомнокии иштироки хонандагон ба дарсҳо. Риояи ҳуқуқ ва иҷрои вазифаҳои хонандагони мувофиқи талаботҳои Оинномаи муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ. Кор бо волидон. Масъалаҳои ташкили оид ба амалӣ шудани ҳуқуқҳои кӯдак барои гирифтани таҳсилоти бепули умумӣ. Фаъолияти идоракунии роҳбарияти муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ. Таҳияи нақша – лоиҳа. Ташкили гурӯҳи корӣ. Ба тартиб овардани мазмуни ҳуҷҷатҳои гурӯҳи корӣ.

Таҳрир ва муҳокимаи нақша дар Шурои педагогӣ. Тасдиқи нақша дар Шурои педагогӣ. Нақшаи солона ҳуҷҷати муҳим ва дурнамои муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ.

**Мавзуи 1.3. (2 соат). Оинномаи муассисаи таълимӣ**

Таҳияи Оинномаи муассисаи таълимӣ. Оинномаи муассисаи таълимӣ-ҳуҷҷати муҳими муассисӣ. Тартиби ташкил ва ваколатҳои Оиннома. Мавқею мақоми Оиннома дар фаъолияти муассисаи таълимӣ. Оиннома маҷмӯи низому қоидаҳо. Оиннома асноди меъёрию ҳуқуқии муассисаи таълимии таҳсилоти умумӣ. Тасдиқи Оинномаи муассисаи таълимӣ. Шакли ташкилию ҳуқуқӣ ва моликият. Мақсади раванди таълим, навъ ва шакли барномаҳои татбиқшавандаи таълимӣ. Тавсифи асосии ташкили раванди таълим аз ҷумла забони таълим, тартиби қабул ва хориҷ намудани хонандагону донишҷӯён, аспирантҳо, муҳлати таҳсил, тартиби гузаронидани санҷишу имтиҳонҳо, реҷаи кори муассисаи таълимӣ, хизматрасонии пулакии таълим ва тартиби пешниҳоди он. Тартиби ба расмият даровардани муносибатҳои муассисаи таълимӣ ва талабагон ё падару модари (шахсе, ки онҳоро иваз мекунад) онҳо. Сохтори фаъолияти молиявӣ ва хоҷагии муассисаи таълимӣ аз ҷумла: тартиби истифодаи объектҳои моликият, ки аз ҷониби муассис ба муассисаи таълимӣ вобаста карда шудаанд. Манбаъҳои маблағгузорӣ ва таъминоти моддию техникии муассиса, ташаккули моликияти муассисаи таълимии давлатӣ ва ғайридавлатӣ, аз ҷумла хусусӣ, навъҳои фаъолияти соҳибкории муассис ва фаъолияти пулакии муассисаи таълимӣ. Тартиби идоракунии муассисаи таълимӣ, аз ҷумла: салоҳияти муассис, тартиби ташкили мақомоти идоракунии муассисаи таълимӣ, тартиби қабул, ҷобаҷогузории кормандони муассиса ва шартҳои пардохти музди меҳнати онҳо, тартиби ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Оинномаи муассиса, тартиби азнавташкилдиҳӣ ва барҳамдиҳии муассисаи таълимӣ.

Ҳуқуқ ва вазифаҳои иштирокчиёни раванди таълим. Феҳристи санадҳои дохилӣ (фармоишҳо, амрҳо ва ғайра), ки фаъолияти муассисаи таълимиро ба танзим медароранд.

**Мавзуи 1.4. (4 соат). Вазифаҳои хизматии мушовири МТИ.**

Мушовир кист ва чӣ маъно дорад. Вазифаҳои хизматии мушовир. Ҳуқуқ ва уҳдадориҳои мушовир. Рӯйхати ҳуҷҷатҳои кории мушовир. Ҳуҷҷатҳои мушовирон ва мутахассисон.

**Мавзуи 1.5. (6 соат). Кори амалӣ дар муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ.**

Иштирок дар машғулиятҳои омӯзгорони маҳфилҳои таҳсилоти иловагӣ ва таҳлилу баррасии дарсҳои мушоҳидашуда. Шиносоӣ бо ҳуҷҷатгузории директорон ва мушовирони таҳсилоти иловагӣ табодули таҷрибаи ҳамдигар. Хулосаю тавсияҳо.

**Мавзуи 1.6. (4 соат) Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар тарбияи фарзанд»**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд». Муносибатхое, ки Қонуни мазкур танзим менамояд. Доираи амали қонуни мазкур. Қонунгузории ҶТ дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд. Мафҳумҳои асосӣ. Вазифаи падару модар, омӯзгор, давлат ва ҷомеа дар таълиму тарбияи фарзанд. Ҳуқуқҳои падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд. Ӯҳдадориҳои падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд. Ӯҳдадориҳои фарзанди болиғу қобили меҳнат дар нигоҳубин ва таъмини падару модар.

Ӯҳдадориҳои омӯзгор, мақомоти давлатӣ, муассиса ва дигар ташкилотҳое, ки масъалаҳои вобаста ба таълиму тарбияи кӯдакро танзим мекунанд. Мақомоти ваколатдори

давлатӣ, оид ба танзими масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи кӯдак. Ӯҳдадориҳои мақомоти давлатӣ, муассиса ва дигар ташкилотхое, ки масъалаҳои вобаста ба таълиму тарбияи фарзандро танзим мекунанд. Ӯҳдадориҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ оид ба ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои кудак.

Чораҳои пешгирӣ ва ҷавобгарӣ барои иҷро накардани ӯҳдадориҳо дар таълиму тарбияи фарзанд. Чораҳои пешгирӣ барои иҷро накардан ё ба тариқи дахлдор иҷро накардани ӯҳдадориҳои падару модар. Ҷавобгарии падару модар ва омӯзгор дар таълиму тарбияи фарзанд. Ҷавобгарии мақомоти давлатӣ, муассиса, дигар ташкилотҳо ва шахсони мансабдори онҳо, ки масъалаҳои вобаста ба таълиму тарбияи кӯдакро танзим мекунанд.

**Мавзуи 1.7. (4 соат) Тафсири Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф»**

Қонуни мазкур асосҳои ҳуқуқӣ, ташкилӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва принсипҳои асосии сиёсати давлатиро дар соҳаи маориф муайян менамояд.

Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи маориф. Сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф. Принсипҳои асосии сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф. Вазифаҳои Қонуни мазкур. Кафолати давлатии ҳуқуқи шаҳрвандон ба таҳсил. Забони таҳсил. Стандартҳои давлатии таҳсилот ва барномаҳои таълимӣ. Низоми маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Сохтори низоми маориф. Муассисаи таълимӣ, сохтор ва намудҳои он. Таъсис, азнавташкилдиҳӣ ва барҳамдиҳии муассисаи таълимӣ. Тартиби бақайдгирӣ ва фаъолияти муассисаи таълимӣ. Муассиси (муассисони) муассисаи таълимӣ. Оинномаи муассисаи таълимӣ. Таълиму тарбияи томактабӣ. Таҳсилоти умумӣ. Таҳсилоти ибтидоии касбӣ. Таҳсилоти миёнаи касбӣ. Таҳсилоти олии касбӣ. Таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ. Таҳсилоти иловагӣ. Таҳсилоти махсус. Ҳуҷҷатҳо дар бораи таҳсилот. Бо кор таъмин намудани хатмкардагони

муассисаҳои таълимии таҳсилоти касбӣ. Ташкили раванди таълиму тарбия. Мақсад ва шаклҳои танзими давлатӣ дар соҳаи маориф. Идоракунии сифати таҳсилот. Назорати давлатӣ дар соҳаи маориф. Иҷозатномадиҳӣ барои пешбурди фаъолияти таълимӣ. Баҳогузории маҷмӯӣ ба фаъолият, аттестатсия ва аккредитатсияи давлатии муассисаи таълимӣ. Мақомоти давлатии идоракунии соҳаи маориф. Салоҳияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи маориф. Ваколатҳои мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи маориф. Ваколатҳои вазорату идораҳое, ки дар сохтори худ муассисаҳои таълимию тарбиявӣ доранд. Ваколатҳои мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ. Ваколатҳои мақомоти маҳаллии идоракунии маориф. Ваколатҳои мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот. Вазифаҳои муассисаҳои таълимӣ. Идоракунии муассисаҳои таълимии давлатӣ. Идоракунии муассисаҳои таълимии ғайридавлатӣ. Худидоракунии муассисаҳои таълимӣ. Асосҳои илмӣ ва таъминоти илмии соҳаи маориф. Субъектҳои раванди таълиму тарбия. Ҳуқуқҳо ва ҳифзи иҷтимоии субъектҳои раванди таълиму тарбия. Стипендия ва дигар пардохтҳои пулӣ. Ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои падару модар (шахсони онҳоро ивазкунанда) дар соҳаи маориф. Мазмуни мақоми омӯзгор. Фаъолияти омӯзгорӣ. Усулҳои фаъолияти омӯзгорӣ. Ҳуқуқҳои омӯзгорон ва дигар кормандони соҳаи маориф. Ӯҳдадориҳо ва масъулияти омӯзгорон ва дигар кормандони соҳаи маориф. Ҳифзи шаъну шарафи омӯзгор. Имтиёзҳои омӯзгорон ва дигар кормандони соҳаи маориф. Таъминоти моддии омӯзгорон ва дигар кормандони соҳаи маориф.

### Мавзуи 1.8. (4 соат) Муносибати босалоҳият ба таълим, ҷанбаҳои асосии татбиқи он

Масъалаҳои назариявию амалии муносибати босалоҳият ба таълим. Мафҳуми таълими салоҳиятнок, марҳилаҳои пайдоиш ва таҳлили сарчашмаҳои илмию методӣ. Назарияҳое, ки ба ташаккули салоҳиятнокии

хонандагон мусоидат мекунанд. Муқоисаи хусусиятҳои таълими аънанвӣ ва салоҳиятнокӣ, сабаби ворид намудани тағйирот ба муносибат ба таълим, моҳият, дастовард ва норасоиҳои таълими салоҳиятнок. Ташкили раванди таълими низоми синфӣ-дарсӣ. Мазмуну мундариҷаи методҳои шарҳӣ-аёнӣ дар раванди таълими низоми синфӣ-дарсӣ. Кори амалӣ бо ҷадвали муқоисавии хусусиятҳои фарққунандаи таълими анъанавӣ ва салоҳиятнок.

Таҳлили талаботи стандарти фаннӣ, сохтор, самт, салоҳиятҳо ва нишондиҳандаҳо, ки талаботи асосӣ ба шумор меравад. Салоҳиятҳо ҳамчун асос барои арзёбӣ, мақсадгузорӣ ва банақшагирии раванди таълим. Кор бо стандартҳои фаннии зинаи 2 ва 3-и таҳсилот, маҷмӯи салоҳиятҳо ва нишондиҳандаҳои салоҳиятнокии фанҳои алоҳида ва консепсияи ташаккули салоҳиятҳо. Шаклҳои гуногуни супоришҳои таълимӣ ва корҳои амалӣ.

### Мавзуи 1.9. (2 соат). Консепсияи гузариш ба низоми нави таҳсилоти миёнаи умумӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

Тасдиқи Консепсияи мазкур аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон. Зарурати гузариш ба низоми нави таҳсилоти миёнаи умумӣ. Созишномаи ҳамкорӣ оид ба ташкили фазои ягонаи таҳсилоти Иттиҳоди давлатҳои мустақил, Низомномаи Шурои ҳамкории ин давлатҳо. Зарурати дигар кардани низоми таҳсилоти пештара. Қабул ба синфи якум. Ба зинаи дуюм. Зинаи сеюм. Бандҳои Консепсияи мазкур. Нақши таҳсилот дар рушди ҷомеа. Талаботи нави иҷтимоӣ ба низоми нави таҳсилот. Вазъи кунунии низоми таҳсилот ва зарурати азнавсозии он. Мақсад ва вазифаҳои низоми нави таҳсилот.

Рушди муносибатҳои молиявӣ дар низоми нави таҳсилот дар муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ-касбӣ. Таъминоти кадрӣ ва дастгирии онҳо аз тарафи давлат ва ҷомеа. Баланд бардоштани мақоми кормандони педагогӣ. Дастгирии давлатӣ, ҳавасмандгардонии кормандони педагогӣ ва идораи соҳаи маориф. Баландбардории маҳорати касбии кадрҳои педагогӣ. Таҷдиди низоми нави таҳсилот ва тарзи назорати сифати он. Такмили сохтор ва афзудани маблағгузорӣ ба таҳсилот. Тақвияти самти иҷтимоии таҳсилот. Дастгирии ҳамаҷонибаи мактабҳои деҳот. Таъмини мустақилияти иқтисодии муассисаҳои таълимӣ. Баланд бардоштани мақоми иҷтимоӣ, дастгирии давлатӣ ва сатҳи касбии кормандони соҳаи маориф. Амалӣ гардидани Консепсия ва натиҷаи он дар рушди кишвар.

Принсипҳои асосии сиёсати давлати соҳибихтиёри Тоҷикистон дар соҳаи маориф. Талаботи меъёрҳои байналмиллалии таҳсилот. Зарурати таҳияи Барномаи мақсадноки давра ба давра гузаштан ба низоми нави таҳсилоти миёнаи умумӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Омӯзиш ва истифодаи таҷрибаи кишварҳои дигар. Зарурати гузаштан ба низоми нави таҳсилоти миёнаи умумии 12-сола дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Мавзуи 1. 10. (4 соат). Ташкили корҳои методӣ дар муассисаи таҳсилоти иловагӣ (МТИ)**

Корҳои методӣ дар муассисаи таҳсилоти иловагӣ. Равишҳои (функсияҳои) корҳои методӣ. Намудҳои асосии фаъолияти методӣ. Семинари методӣ ҳамчун шакли фаъолияти методӣ. Шурои методӣ. Вазифаҳои Шурои методӣ.

**Мавзуи 1.11. (2 соат). Арзишҳо ва функсияҳои асосии таҳсилоти иловагӣ.**

Маълумот ҳамчун системаи ягона. Маълумоти асосӣ ва иловагӣ. Классификатсияи муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ. Намудҳои муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ. Марказҳо, клубҳо, стансияҳо, мактабҳо.

**Мавзуи 1.12. (4 соат). Ташкили машғулият дар муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ**

Дарси муқаррарӣ ва машғулият – хусусиятҳои фарққунанда ва умумӣ. Сохтор, метод ва шаклҳои ташкили машғулият. Нақшаи машғулият ва таҳлили он. Хел (тип) ва намудҳои машғулият. Ҷараёни машғулият, тақсимоти вақт барои як соати академӣ. Сохтори умумии таҳлили дарси кушод дар маҳфил.

**Мавзуи 1.13. (4 соат). Усулҳои фаъол ва технологияҳои нави таълим. Роҳҳои истифодаи онҳо дар раванди дарсҳо**

Маълумот оид ба таърихи усулҳои фаъоли таълим. Фарқияти усулҳои фаъоли таълим аз усулҳои анъанавӣ. Технологияи усулҳои таълим. Маҳфили ҳозирҷавобон, дарс-конеренсия, дарси ғайримуқаррарӣ, дарс-мубоҳиса. Дарёфти роҳу усулҳои фаъоли таълим, истифодаи васеи техникаи муосир дар раванди таълим. Машғулиятҳои амалӣ ба таври ғайрианъанавӣ бо истифодаи аёният, воситаҳои техникӣ, аз ҷумла проектор ва тахтаи электронӣ, усулҳои фаъоли таълим – кластер, диаграммаи Венн ва ғайраҳо. Дарси амалӣ дар намуди мусобиқа, дар гурӯҳҳо, бо татбиқ намудани назария бо амалия, проблемагузорӣ бо таҷрибаҳои шавқовар, вобаста ба қобилияти ҳар хонанда супоришҳои инфиродӣ дар се дараҷа (оддӣ, миёна, мушкил). Усулҳои муосир ва фаъоли таълим: интерактивӣ, коммуникативӣ (муоширатӣ).

Ташкили таълими модулӣ, бисёрзинагӣ, усулҳои инноватсионию фаъоли таълим ва шаклҳои дигари мутобиқ ба талаботи замони муосир.

Намунаи усулҳои ҳавасманд сохтани хонандагон. Фаҳмондадиҳии зарурати донишҳо ва аҳамияти онҳо барои амалия. Ташкили раванди дарс ба тарзе, ки зарурати омӯзиши ин маводи таълимӣ ба хонанда (донишҷӯ) маълум гардад ва дар ин асос минбаъд хонанда худназораткунӣ ва худбаҳодиҳиро ташкил карда тавонад. Вобаста ба вазъият ва қобилияти хонандагони алоҳида ташкил намудани шаклҳои инфиродӣ ва гурӯҳии таълими хонандагон (донишҷӯён). Такмили тарбияи касбии донишҷӯён: ташаккули қобилияти мутобиқшавӣ дар фаъолияти касбӣ; татбиқи принсипи таълими касбӣ бо назардошти талаботи оянда; ба шароити минтақа ва талабот мутобиқ сохтани таълими касбии хонандагон; истифода аз усулҳои таълим, ки ба амалия равона шудаанд ва ё ба татбиқи пурраи технологияҳои иттилоотӣ асос ёфтаанд. Истифода аз баҳогузорӣ чун воситаи ҳавасмандсозӣ бо таҳлили сифатии натиҷаҳои таълим, таъкид намудани тамоми лаҳзаҳои мусбати донишазхудкунии хонанда ва ё сабабҳои номуваффақии ӯ дар самти азхудкунии маводи таълимии мушаххас ва ғайра.

**Мавзуи 1.14 (2 соат). Истифодаи технологияи иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ дар раванди фаъолияти касбӣ.**

Истифодаи воситаҳои нави техникӣ. Технологияҳои иттилоотиву коммуникатсионӣ. Тахтаи электронӣ. Проекторҳо. Видиопроекторҳо. Шабакаи интернет. Корҳои лаборатории автоматикунонда. Телефонҳои мобилӣ. Риояи техникаи бехатарӣ. Фарҳанги истифодабарии технологияҳои иттилоотиву коммуникатсионӣ ва телефонҳои мобилӣ. Нақши мусбӣ ва манфии шабакаи интернет ва телефонҳои мобилӣ дар ҳаёти ҷомеа.

**Мавзуи 1.15. (4 соат). Муқовимат бо коррупсия ва амалҳои коррупсионӣ. Савдои одамон.**

Коррупсия чист? Намудҳои амалҳои коррупсионӣ. Сабаб ва омилҳои мавҷудияти коррупсия. Ташаккули афкураи зидди коррупсионӣ. Мубориза алайҳи коррупсия вазифаи ҳамагон аст. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба савдои одамон ва расонидани кӯмак ба қурбониёни савдои одамон».

**Мавзуи 1.16. Роҳҳои пешгирии ҷинояткорӣ, қонуншиканӣ, хурофотпарастӣ ва терроризму экстремизм.** Шарҳу тавзеҳи вожаҳо. Омилҳои даст ба қонуншиканӣ ва ҷинояткорӣ задани шаҳрвандон. Таассуби динӣ ва хурофотпарастӣ. Моҳияти иртиҷоӣ ва ифротгароии созмонҳо ва равияҳои тундраи исломӣ. Терроризм ва экстремизм-вабои аср. Роҳу усулҳои ҷалби шаҳрвандон ба ин гурӯҳҳо. Роҳҳои муқовимат ба ин падидаҳои номатлуб.

## 2. Менеҷменти молиявӣ (6 соат)

**Мавзуи 2.1. ( 6 соат ). Қисмати иқтисодию молиявии Қонуни нави ҶТ "Дар бораи маориф". Асосҳои баҳисобгирии воситаҳои асосӣ.** Бандҳои Қонуни нав оид ба фаъолияти иқтисодию молиявии МТУ. Фарқияти онҳо аз Қонуни пештара. Беҳбудии масъалаҳои мустақилияти молиявии МТУ ва таъсири онҳо ба вазъи молиявии омӯзгорон. Мафҳуми маблағҳои асосӣ. Таркиби воситаҳои асосӣ. Баҳисобгирии муҳосибии воситаҳои асосӣ. Воситаҳои асосии мактаб. Барӯйхатгирии амволи воситаҳои асосӣ. Тартиби баҳисобгирӣ.

## 3. Мавзуъҳои иловагӣ

**Мавзуи 3.1. (4 соат). Воситаҳои арзёбии муносибати босалоҳият ба таълим. Навъҳои арзёбӣ дар раванди таълим.**

Таҳлил ва таҳияи воситаҳои арзёбии муносибати босалоҳият ба таълим. Мавқеи арзёбӣ дар раванди таълим. Зарурияти масаъалаи арзёбӣ. Ҷанбаҳои арзёбӣ: арзёбии ташхисӣ, арзёбии ташаккулдиҳанда ва арзёбии ҷамъбастӣ. Мавқеи арзёбӣ дар муносибати босалоҳият ба таълим.

**Мавзуи 3.2. (4 соат). Фаъолияти беруназмактабӣ, беруназсинфӣ, беруназдарсӣ**

Моҳият ва хусусияти таҳсилоти иловагӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ. Шароитҳои инкишофи системаи таҳсилоти иловагӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ. Амаликунонии системаи таҳсилоти иловагӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ.

**Мавзуи 3.3. (4 соат). Роҳбаладӣ. Шаклҳои муосири сарварӣ ба фаъолияти омӯзгорон ва раванди таълим. Тарзу тариқи (моделҳо ва механизмҳои) роҳбарӣ ба низоми таҳсилот**

Роҳбалад - шахсеро ба кор ҳидоят кардан, барои ба мақсад расидан ёрӣ расондан. Роҳбаладӣ (менторинг) – этимология ва анъанаҳои он. Шакли анъанавии роҳбаладӣ. Шаклҳои маъмули роҳбаладӣ. Сатҳи шиносоии омӯзгорон бо методҳои фаъоли таълим ва фаъолияти роҳбалад.

Роҳбаладӣ – интиқоли донишу таҷриба. Шакли таҷрибаивазкунии «Роҳбаладӣ дар ҷои кор». Ҳамкорӣ бо шуъбаҳои маориф, роҳбарони иттиҳодияҳои методӣ ва омӯзгорон. Ҳавасмандии омӯзгорон.

Фарқиятҳои байни менеҷер ва сарвар. Усулҳои роҳбарӣ ва навъҳои рафтори кормандон. Тарзҳои асосии сарварӣ. Муайян намудани дараҷаи тайёрии коргарон. Фаъолияти таълимгоҳҳо. Роҳҳои самарабахши банақшагирӣ. Усулҳои таҳлили вазъи кунунии мактаб. Таъсири омилҳои беруна ба

муассиса. Истифодаи самараноки захираҳои инсонӣ, иттилоотӣ, моддӣ ва молиявӣ.

**Мавзуи 3.4. (2 соат). Таҷрибаи пешқадами омӯзгорӣ. Роҳҳои дарёфт, омӯзиш, тарғиб, ҷамъбаст ва паҳн намудани он**

Шиносоӣ бо дастурҳои методӣ. Таърифҳои гуногуни мафҳуми таҷрибаи пешқадами педагогӣ. Таҳлилу омӯзишу баррасии таҷрибаи пешқадам аз тарафи роҳбарон. Баррасии таҷрибаи муаллимони навҷӯю навовар. Мақсади асосии омӯзишу ҷамъбаст ва паҳн намудани таҷрибаи пешкадами педагогӣ. Таҷрибаи педагогӣ маҷмӯи малака ва усулҳои таълиму тарбияи озмудашуда.

Нишондиҳандаҳои таҷрибаи пешқадами педагогӣ: натиҷаҳои баланди дониш, малака ва маҳорати хонандагон, сарфаи вақт ҳангоми расидан ба натиҷаҳо (натиҷаи баланде, ки тавассути дарсҳои иловагӣ ба даст омадаанд, ҳисоб намешавад), хусусияти навоварӣ доштан, рӯзмарра будан (кадом душвориҳои маъмули раванди таълим ҳалли худро ёфтааст?), маҳсулнокӣ (имконияти истифодаи таҷриба аз ҷониби омӯзгорони дигар), мувофиқати он ба дастовардҳои илми педагогика ва методика. Самтҳои омӯзиши таҷрибаи пешқадами педагогӣ: Таҷрибаи умумикасбии омӯзгор (донистани асноди меъёрии ҳуқуқии соҳаи маориф, иштироки омӯзгор ва хонандагони ӯ дар озмунҳо, мақолаҳои илмӣ-методӣ, малакаҳои муоширатӣ, салоҳиятнокӣ, ҳуҷҷатнигорӣ; Таҷрибаи касбӣ-хусусии омӯзгор (маҳорати банақшагирии дарс бо меъёрҳои мақсадгузорӣ, интихоби усул ва шеваҳои мувофиқ ба мақсад, ташкил карда тавонистани фазои ҳамкорӣ дар дарс, истифодаи маводҳои дидактикӣ, истифодаи аёниятҳое, ки худ ё бо ҳамроҳии шогирдон сохтааст, ҷалб карда тавонистани диққати хонандагон, истифода кардани воситаҳои гуногуни арзёбии дониш, малака ва маҳорати ҳонандагон, татбиқ карда тавонистани навовариҳои илми педагогика ва равоншиносӣ, усули мухталифи

бартарафнамоии монеаҳо, камбудӣ, мушкилот ва ихтилофот.

Давраҳои асосии омӯзиши таҷрибаи пешқадам. Омӯзиши таҷрибаи пешқадам. Муайян намудани объекти омӯзиш (Киро бояд омӯзем?). Гузориши мақсади омӯзиш (Чаро мо маҳз ҳамин самти фаъолияти омӯзгорро бояд омӯзем?). Гирдоварии маълумот дар бораи таҷрибаи омӯхташаванда. Ҷамъбасти таҷриба. Воситаҳои дастраси умум гардонидани таҷрибаи пешқадам.

**Мафҳумҳои соҳавӣ**

1. **АТТЕСТАТСИЯ** – муқаррар намудани мутобиқати мазмун, дараҷа ва сифати тайёрии хатмкунандагони муассисаҳои таълимӣ ба талаботи стандартҳои давлатии таҳсилот.
2. **БУҶЕТИ МАКТАБ** – ин нақшаи стратегии молиявии мактаб мебошад, ки метавонад солона, семоҳа ва моҳона таҳия карда шавад.
3. **ИНТЕРАКТИВ -** аз калимаи англисӣ «interact» гирифта шуда, маънояш inter– «байни ҳам» ва act– «амал, фаъолият» мебошад.
4. **МОНИТОРИНГ** – раванди махсус ташкил кардашудаи мушоҳидаи мунтазами ҳолати объектҳо, зуҳуротҳо ва ҷараёнҳо бо мақсади арзёбӣ, назорати даври ва пешгӯии онҳо.
5. **МУАССИСАИ ТАЪЛИМӢ** – шахси ҳуқуқӣ, ки ҷараёни таҳсилотро амалӣ мекунад, яъне як ва ё якчанд барномаҳои таълимиро ба амал мебарорад ва ё тарбияи муҳассилии тарбиягирандагонро таъмин мекунад.
6. **МЕЪЁРИ (НОРМАТИВӢ) САРИКАСӢ** - яке аз механизмҳои истифодаи самараноки воситаҳои буҷетӣ мебошад, ки барои расидан ба хизматрасонии сифатан беҳтар дар соҳаи таҳсилот қодир аст.
7. **МАОРИФ** – раванди бомароми таълиму тарбия ба манфиати шахс, ҷамъият ва давлат, ки дар он соҳиби

меъёри муайяни таҳсилот гардидани шаҳрвандро давлат муқаррар кардааст.

**8. МЕНЕҶЕР -** идоракунанда, идораи соҳа, корхона, муассиса, раванд ва ғайра.

**9. МЕНЕҶМЕНТИ МОЛИЯВӢ** – идоракунии молиявӣ.

**10. МАРКЕТИНГ** – омӯзиши бозор.

**11. НИЗОМИ МАОРИФ** – маҷмӯи барномаҳои таълимӣ, стандартҳои давлатии таҳсилот, шабакаи амалкунандаи муассисаҳои таҳсилотӣ, новобаста аз шаклҳои ташкилию ҳуқуқӣ ва моликият, мақомоти идораи маориф бо муассиса ва ташкилотҳои он, таълимгирандагон ва тарбиягирандагон, педагогҳо ва кормандони дигар, иттиҳодияҳои муассисаҳои таҳсилотӣ, қисматҳои зерсохторӣ ва дигар ҷузъҳо, ки барои ҳалли мақсаду вазифаҳои ягона муттаҳид шуда, барои амалӣ гардондани сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф, афзудани саҳми ин соҳа ба рушди иҷтимоию иқтисодии мамлакат ва баланд бардоштани дараҷаи некуаҳволии халқ равона карда шудаанд.

**12. ПОРТФОЛИО** – аз калимаи итолёвӣ гирифта шуда, маънояш «номгӯйи ҳуҷҷатҳо», «ҳуҷҷатҳои мутахассис» мебошад. Портфолио - маҷмӯи корҳоест, ки барои намоиши имкониятҳои худ тартиб дода шудааст.

**13. СИСТЕМАИ МАОРИФ** – маҷмӯи барномаҳои таълим ва стандартҳои давлатии таҳсилот, шабакаи таълимгоҳ амалкунанда, сарфи назар аз шакли ташкилию хуқуқӣ ва моликият, мақомоти идораи маориф, таълимгоҳ, воҳидҳои зерсохтор ва дигар унсуре, ки барои ҳалли мақсаду вазифаҳои ягона муттаҳид гардида, ба татбиқи сиёсати давлат дар соҳаи маориф ва зиёд кардани саҳми соҳаи мазкур дар инкишофи иҷтимоию иқтисодии мамлакат, баланд бардоштани дараҷаи некӯаҳволии халқ равона карда мешавад.

**14. СМЕТА** – ин нақшаи молиявии бо тартиби муқаррааргардида тасдиқшудааст, ки ҳаҷм ва истифодаи мақсадноки маблағгузории буҷетиро муайян мекунад ва дар он модда ба модда ҳаҷми маблағгузориҳои буҷети ва тақсимоти семоҳаи модда ба модда муқаррар карда мешавад.

**15. ТАКСАНОМИЯ** – аз калимаи юнонӣ гирифта шуда, маънояш «taxis» - бо тартиб ҷо ба ҷо гузоштан ва «nomos» - қонун мебошад. Назарияи таснифот ва системанокии соҳаи мураккабташкили воқеият, ки одатан дорои хусусияти шаҷаравӣ мебошад.

**16. ТАФАККУРИ ИНТИҚОДӢ** - калимаи «интиқодӣ» аз арабӣ ва аз калимаи юнони «kritike» гирифта шуда, маънояш «санъати муҳокима» мебошад.

**17. ТОЛЕРАНТӢ** – аз калимаи франсавӣ «tolerant» гирифта шуда, маънояш «босаброна, таҳаммулпазирӣ» мебошад.

**18. ФОРМУЛАИ МАБЛАҒГУЗОРӢ** – ин низоми меъёрҳои муқарраршуда ва мақсаднок истифодашаванда ба ҳар мактаб, ки мувофиқи он захираҳо тақсим карда мешаванд.

**19. ҲИСОБИ МУҲОСИБӢ** – низоми ягонаи ахборот дар бораи ҳолати амвол ва молияи корхона ва натиҷаҳои фаъолияти хоҷагидории он мебошад, ки дар асоси ахбороти ҳисоби муҳосибӣ аз рӯи шаклҳои муқарраршуда тартиб дода мешавад.

**20. ЭВРИСТИКА**-аз калимаи юнонӣ «heurisko» гирифта шуда, маънояш - «меёбам» мебошад. 1) Дар Юнони қадим – системаи таълимдиҳӣ бо роҳи саволҳои ёрирасон; 2) дар фалсафаи қадим «санъати дарёфти ҳақиқат» - системаи усулу тарзҳои мантиқӣ ва қоидаҳои методии тадқиқотии назариявӣ; методи таълим, ки ба инкишофи қобилияти ҳозирҷавобӣ, фаъолиятнокӣ мадад мерасонад.

## Адабиёти асосӣ


1. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф». Душанбе 2013.
2. Консепсияи миллии таҳсилоти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе. 2003.
3. Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе.2006.
4. Консепсияи мактаби миллӣ. Душанбе. 2000.
5. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тасдиқи нақшаи татбиқи ислоҳоти соҳаи маориф барои солҳои 2005-2010».
6. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон». Душанбе. 2017.
7. Атахонов Т. Лутфуллоев М., Шарифов Ф. Очеркҳои афкори педагогӣ. Воситаи таълим. Душанбе, 2005.
8. Афзалов Х., Раҳимов Б. Таърихи педагогикаи халқи тоҷик. -Душанбе, 1994.
9. Алиев Б.А. Асосҳои информатика. Қисмҳои I ва II. Душанбе, 1996.
10. Бекназаров М., Ёқубова М., Раҳимзода Х., Муҳаммадиева С., Раҳмонова М. Тарзи ҳаёти солим. Душанбе. 2002.
11. Бабанский Ю.К. Оптимизация учебно-воспитательного процесса. М: 1987.
12. Давыдов В.В. Теория развивающего обучения М., 1996.
13. Дидактические основы компьютерного обучения. -Л.,1989.
14. Инновационный менеджмент. Справочное пособие. Под редакции Завлина А. Г.
15. Искандаров Ҳ. Коргузорӣ ва ҳуҷҷатнигорӣ (дастури методӣ). Душанбе. Солҳои 2005, 2007
16. Кодиров С. Давлатов.М. Психология. Душанбе. 2002.

17. Кулагина И.Ю.- Возрастная психология. М.- 1996.
18. Курбонов Г. Ба нақшагирии фаъолияти солонаи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ. Маорифи Тоҷикистон. №2. 2009.
19. Куркин Е.Б. Управление образованием в условиях рынка. М: 1997.
20. Лутфуллоев М. Эҳёи педагогикаи тоҷик. Душанбе, 1997.
21. Лутфуллоев М. Дидактикаи муосир. Душанбе, 20011
22. Ладнушкина Н.Мониторинг как аспект управленческой деятельности. Народное образование, 2001.
23. Майоров А.Н. Мониторинг в образование. М: 2005.
24. Мененджмент. Лидерство и экономика в сфере образования. Материалы ИУУ ГБАО, Хорог, 2003.
25. Плахова Л.М. Как сделать хорошую школу? М: 2002.
26. Рахимзода Х. Ассотсиатсияи волидон ва омӯзгорон ҳамчун шакли нави идораи мактаб. Душанбе, 2004.
27. Сафин Д.В. ва Мусина Р.Г. Роҳбаладӣ ва дастгирии методии омӯзгорон. Дастури методӣ. Душанбе, 2010.
28. Соколов А.Б. Мозговой штурм/Директор школы. 2006.№1. с.30-34.
29. Усулҳои таълим ва омӯзиши ҳамфаъол. Дастури методӣ. Зери таҳрири Сафин Д.В. ва Мусина Р.Г. Душанбе, 2006.
30. Шарифов З. Ислоҳоти маориф: пешравӣ, мушкилот ва пешниҳодот, Душанбе. 2003.
31. Шарифов З, Ветров В.И, Катаева З.А. Концепция развития финансирования сферы образования РТ. Труды ТУТ. Выпуск Х, Душанбе. Ирфон, 2004.
32. Хоников Ш.М. Анализ урока как одна из методов мотивационного менеджмента, Ступени знание, Д., № 6, 2005. соли 22-30.
33. Хоников Ш.М. Эффективность экспериментального применения мотивационного менеджмента в деятельности

школы. Вестник Хорогского университета, № 6, 2006.соли 40-51.
34. Шарифов А. Дастурамал оид ба кори ассотсиатсияи волидайн ва омӯзгорони мактабҳои таҳсилоти умумӣ. Душанбе, 2004.
35. Дастурамал доир ба бурдани ҳисоби мусоҳибӣ ва ҳисоботдиҳии мусоҳибӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (Фармони Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри с.1999, № 163)
36. Искандаров Ҳ., Ниёзмамадова Н. Вазифаҳои (намунавии) хизматии роҳбарон, омӯзгорон, кормандони педагогӣ, техникӣ ва хизматгузорони муассисаҳои таълимӣ, томактабӣ, иловагӣ ва таълимӣ – методӣ. Душанбе – 2009.
37. Искандаров Ҳ. Ҳуҷҷатҳо ва назорат. Душанбе – 2009.
38. Искандаров Ҳ., Ниёзмамадова Н. «Хадамоти мониторинг, таҳсилоти иловагии кӯдакон ва шаклҳои нави интихоби касбу ҳунар дар мактаб». Душанбе, 2009.
39. Менеҷмент ва сарварӣ дар соҳаи маориф. Душанбе, 2011.
40. Менеҷменти молиявӣ. Душанбе, 2011.
41. Шарифов В. Луғати тафсирии калимаҳои русӣ-интернатсионалӣ. Сарредаксияи илмии энсиклопедияи советии тоҷик. Душанбе, соли 1984.
42. Дастурамал доир ба бурдани ҳисоби муҳосибӣ ва ҳисоботдиҳии муҳосибӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (фармони Вазорати молияи ҶТ аз 30.12.1999, № 163).
43. Ҳуҷҷатгузорӣ дар кабинети методии шуъбаи маориф. Маҷаллаи «Масъалаҳои маориф», № 1, 2010, саҳ.61-64
38.Муҳиддинов Қутбиддин. Банақшагирии раванди таълиму тарбия.Душанбе – 2010.
39. Муҳиддинов Қ.,Зиёев М., Шодиева З.- Роҳнамои методӣ. Душанбе 2012.
40. Ҷ.Иматшоев. Раҳнамои кабинети методӣ. Душанбе. 2013.

## Адабиёти иловагӣ

41. Эмомалӣ Раҳмонов. Маориф омили муҳимтарини таҳкими давлат ва наҷоти миллат аст. Душанбе, 2007.
42. Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар вохӯриҳо бо зиёиён, занон ва ҷавонони кишвар.
43. Паёмҳои солонаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон».
44. Стратегияи миллии рушди соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2006-2015.
45. Қарори Ҳукумати ҶТ аз 3.05.2010 № 223дар бораи «Барномаи давлатии таъмини муассисаҳои таълимию илмии ҷумҳуриявӣ бо кабинетҳои фаннӣ, озмоишгоҳҳои муҷаҳҳази таълимӣ ва илмию таҳқиқотӣ барои солҳои 2011-2015».
46. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф». Душанбе, 2006.
47. Консепсияи миллии таҳсилоти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, 2003.
48. Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, 2006.
50. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи «Барномаи давлатии компютеркунонии муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2015» таҳти №416 аз 2 сентябри соли 2010
51. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тасдиқи Қоидаҳои маблағгузории меъёрӣ (сарикасӣ) дар муассисаҳои таълимӣ», № 505 аз 1 октябри соли 2007.
52. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон № 291 аз 30.06. с. 2004 «Дар бораи нақшаи гузаронидани ислоҳоти системаи маориф барои солҳои 2004-2009».
53. Қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1.11.2006 таҳти № 502 «Дар бораи ба шаклҳои нави идоракунӣ ва

маблағгузорӣ гузаронидани баъзе муассисаҳои таҳсилоти умумӣ» (2004, 2006, 2007).
54. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2007 таҳти № 350 «Дар бораи давраҳои ба шаклҳои нави идоракунӣ ва маблағгузорӣ гузаронидани баъзе муассисаҳои таълимӣ».
55. Низомномаи атестатсияи муассисаҳои таълимӣ. Душанбе, 2006.
56. Низоми идораи маорифи муосир: сохтор мазмун ва мохияти корҳои методӣ. Душанбе, 2011.
57. Низомномаи шурои ҷамъиятӣ. Душанбе, 2006.
58. Низомномаи намунавии муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон. // Асосҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи маориф: Замима ба маҷаллаи «Мактаб ва ҷомеа». Душанбе, 2007.
59. Низомномаи намунавии шурои сарпарастон. Душанбе, 2002.
60. Низомномаи намунавии комитети падару модарон. Душанбе, 2003
61. Низомномаи намунавии кабинети (маркази) методии мақомоти идорӣ ва мақомоти худидории маҳаллии маориф дар системаи маълумоти иловагии педагогӣ.
62. Низомномаи намунавии мутахассиси ҳифзи овони кӯдакии мақомоти идорӣ ва мақомоти маҳаллии идораи маориф. Душанбе, 2002.
63. Низомномаи намунавии кор бо муаллимони ҷавон. Душанбе, 2003.
64. Низомномаи намунавии шурои методии муассисаҳои таълимӣ. Душанбе, - 2002.
65. Оинномаи муассисаи таълимии таҳсилоти умумӣ. Душанбе,2004.
66. Ҳуҷҷатҳои меъёрӣ ва дастурӣ дар бораи муассис, аттестатсия, литсензия, аккредитатсия ва ғ. Душанбе, - 2003.